# ТАҚРИЗ

ба автореферати Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Демократикунонии низоми таълим ва тарбия равандест, ки шуури баланд, масъулияти шахсӣ ва муносибати оқилонаро ба таълим ва тарбия талаб менамояд. Демократикунонии низоми таълим дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон ба вазифаи калидӣ табдил ёфта, на танҳо муттамарказ гардонидани таълимро дар сатҳи давлатӣ, балки башардӯстона гардонидани муносибат ва демократикунонии идоракуниро дар тамоми дараҷаи низоми маориф талаб менамояд.

Дар шароити муосир, зарур аст, ки омӯзгорони оянда дониши ҳамаҷониба дар бораи принсипҳои демократӣ, башардӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, инноватсия ва муносибати босалоҳият ба раванди таълим дошта бошанд. Ин ҷанбаҳо имрӯз ба талаботи муҳимтарини соҳаи педагогикаи муосир табдил ёфтаанд. Мавқеи асосиро дар татбиқи ин талаботҳо муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии самти омӯзгорӣ ишғол менамоянд, ки донишҷӯёнро бо донишҳои илмӣ мусалаҳ намуда, ба фаъолияти амалӣ дар раванди демократикунонии раванди таълим ва ташаккули салоҳияти касбӣ омода менамоянд.

Дар рисолаи пешниҳодшуда андешаҳо оид ба масоили назариявӣ ва методологӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим баён шудааст.

Асоси таҳқиқоти унвонҷӯйро баррасии озмоишҳои илмию равоншиносии олимони ватанию хориҷӣ оид ба ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯй дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додаст.

Диссертант мавзуеро барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, ки муҳим ва мубрам аст, зеро аз муассисаҳои таълимӣ сар карда, ба ҳаёт омода намудани насли ҷавон кафолати ташаккули дурусти

салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро дар демократикунонии раванди таълим парвариш менамоянд.

Бояд қайд кард, ки довталаб бо мақсади баррасии ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқот адабиёту осори илмии олимону муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷиро омӯхта, вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониаш таҳлилу таҳқиқ ва кор ба таври густурда мавриди истифода қарор додааст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуи таҳқиқот асоснок шуда, дастгоҳи илмии таҳқиқот муайян, мақсаду вазифаҳо ва фарзияи кор таҳия, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳо ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда мухтасар ва амиқ муайян карда шудаанд.

Навгониҳои пешниҳодшуда дар рисола ба он арзёбӣ мегардад, ки натиҷаҳои ба дастомада бештар нуктаҳои илмӣ ба ҳисоб рафта, ҷанбаи назариявию амалии кори илмӣ, махсусан фарзияи илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро инъикос мекунанд. Аз ҷумла:

- ошкор ва асоснок намудани идоракунии демократӣ ва муносибати босалоҳият дар баланд гардидани сифати таълим ва иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- тавассути арзишҳои демократӣ ва муносибати босалоҳият навсозӣ намудани мақомоти худидораи донишҷӯён ба ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ дар дараҷаи нав;

- аниқ гардонидани моҳияти демократикунонӣ ва муносибати босалоҳият дар ҷараёни таълиму тарбия дар омодагии касбии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ баҳри софдилона хизмат намудан ба халқу ватан;

- махсусияти демократикунонии ҷараёни таълиму тарбия ва муносибати босалоҳият таҳқиқ карда шуда, ташаккул додани он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ асоснок гардонида шуд;

- омодагии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба демократикунонии раванди таълим ва тарбия дар иҷтимоишавӣ ба таври муоинавӣ тасдиқ гардид;

- шароитҳои педагогии демократикунонии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор ва ба таври озмоишӣ санҷида шуда, собит намуд, ки муносибати босалоҳият метавонад ба сифати таълим такон бахшида, иҷтимоишави донишҷӯёнро тезонад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** аз он иборат аст, ки доира донишҳои зарурӣ, маҳорат ва малакае, ки донишҷӯ ба он ноил бошанд, да иҷрои амалҳои педагогӣ коркард гардида, боиси истифода қарор до

мешавад. Имкониятҳои иқтидори касбии фанҳои таълимии педагогика ва психология, фанҳои ҷамъиятӣ ва шароити татбиқи робитаҳои байни фаннӣ коркард гардида, дар раванди демократикунонии таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар муносибатҳои босалоҳият мавриди истифода қарор хоҳад гирифт. Тавсияҳои мушаххас оид ба муносибатҳои диференсалӣ дар ташаккули омодагии касбии донишҷӯён коркард гардид; усул ва шаклҳои татбиқи амалётӣ-фаъолиятӣ ва мақомӣ-арзишии робитаҳо дар ҷараёни ташаккули омодагии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард гардид.

**Аҳамияти амалии таҳқиқотро** ифода мекунад: андешаҳои асосии педагогӣ- психологӣ, фалсафи, антропологӣ дар бораи инсон ва раванди иҷтимоишавии он; - инкишофи маънавӣ, ахлоқӣ, психологӣ ва ҷисмонии ҷавонон тавассути демократикунонӣ; - робитаи мутақобилаи иҷтимоӣ ва биологӣ;- иқтидори маърифатӣ ва тавоноии ҷисмонӣ-меҳнатии инсон;- авқеи омилҳои инсонӣ дар ташаккули ҷамъияти муосир;- шароитҳои иҷтимоӣ- маданӣ ва шароитҳои этникӣ-конфесионалӣ дар кори ташаккул ва инкишофи шахсияти инсон дар раванди демократикунонии таълиму тарбия ва ташаккули салоҳияти касбӣ.

Дар муқаддима зарурияту аҳамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он, асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, фарзия, мақсаду вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот муайян гардидаанд.

Дар боби якум **«Демократикунонии раванди таълим дар ташаккули салоҳият ва иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ»** масъалаи демократикунонии таҳсилоти миёнаи касбӣ омили асосии ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён бо иҷтимоишавӣ ва мавқеи мақомоти худидоракунии донишҷӯён дар иҷтимоишавии онҳо дар шароити муосир баррасӣ мегарад.

Унвонҷӯ таъкид мекунад, ки бояд демократикунонии идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён бо навсозии муносибати омӯзгорону донишҷӯён бо таълиму тарбия коркард гардад.

Дар боби дуюм **«Омодагии касбии омӯзгорони оянда ба демократикунонии муносибат дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ»** масъалаҳои мазмуни таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди демократикунонии таълим ва тарбия ба иҷтимоишавии донишҷуён ва муносибати босалоҳият, нақшаҳои таълимӣ, барнома,

дастурҳои таълимӣ методӣ ва китоби дарсӣ дар мувофиқа бо талаботи иҷтимоишавии донишҷӯён баррасӣ гардида, озмоиш ва мушоҳидаҳои педагогӣ оид ба раванди навсозии таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба иҷтимоишавӣ натиҷагирӣ шудааст.

Демократисозии таълим ва тарбия дар мактабҳои касбии миёна вобаста ба он аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатдории демократӣ таъсис ёфтааст. Бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демократӣ ҳалли доираи васеи вазифаҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, маданӣ ва таърихиро талаб менамояд.

Муҳаққиқ дар қисмати озмоишии кори таҳқиқотӣ шаклҳо, роҳҳо ва тарзу усулҳоеро роҳандозӣ кардааст, ки дар пиёда сохтани ин масъала шароити мусоидро фароҳам оварад.

Ба андешаи муҳаққиқ дар иртибот бо масъалаи мавриди таҳқиқ қарор додани ташаккули асосҳои иҷтимоӣ-педагогии салоҳияти иҷтимоии донишҷӯён дар раванди демократикунонии таълим яке аз стратегияҳои муҳимтарини илми педагогика маҳсуб меёбад.

Дар кори илмӣ-таҳқиқотии диссертант нуқтаҳои назари илмӣ-методологӣ ва асосҳои назариявии тарроҳии технологияҳои ба ташаккули муносибати арзишнок оид ба ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим муайян карда шудааст. Тавсияҳои пешниҳоднамудаи диссертант такмили демократикунонии раванди таълимро таъмин мекунад.

Аз таҳлили кори таҳқиқотӣ маълум мегардад, ки довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст.

Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ мебошад ва муҳтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопнамудаи муаллиф мазмуни таҳқиқотро инъикос мекунад.

Натиҷаҳои ба дастомадаи муҳаққиқ, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию – методӣ дар кори илми таҳқиқотии унвонҷӯ асоснок карда шудаанд.

Вале барои боз ҳам беҳтар гардидани мазмуну муҳтавои кори таҳқиқотӣ баъзе тавсияҳои хешро пешниҳод менамоям:

1. Хуб мешуд, ки дар кори таҳқиқотӣ ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва оила дар демократикунонии раванди таълим мавриди таҳқиқ қарор мегирифт.

2. Дар кори таҳқиқотӣ баъзе ғалатҳои техникӣ мушоҳида мегардад,

ки ислоҳи онҳо зарур мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» ба талабот КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи забон ва фарҳанг
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Хоҷаев Қ.Т.

23.06.2025

Имзои Хоҷаев Қ.Т.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.

**Маълумот барои тамос:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5
Тел: +992(37) 234-88-02; 992(37) 234-88-24; 918664708.